# ТАҚРИЗ

ба рисолаи номзадии Сафари Нусратулло дар мавзӯи

**“АСОСНОККУНИИ ГЕОЭКОЛОГӢ, БЕХАТАР ҶОЙГИРОНӢ, НИГОҲДОРӢ ВА ДАФНИ ПАРТОВҲОИ САНОАТИ КӮҲИИ МАЙДОНИ МАЪДАНИИ ЧОРЕ (ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ)”**

Рисолаи илмие, ки барои тақриз пешниҳод гардидааст аз 145 саҳифаи чопи, 5 боб, хулоса, руйхати адабиётҳо (167 номгӯй), 21 расм ва 19 ҷадвал иборат аст.

Дар қисми умумӣ (бобҳои 1, 2) муаллифи рисола маълумотҳои физикию-географиро ҳаматарафа нишон дода, сохти геологӣ, шароити тектоникӣ ва сейсмикии кони маъданӣ Чореро тавсиф намудааст.

Партовҳои ҳосилшудаи истихроҷи маъдан дар рӯйи замин, қисмати наздики он, ё уфуққҳои чуқур нигоҳ дошта мешаванд, ки дар тамоми ҷузъҳои муҳити табиӣ: ҳаво, хок, обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, ҷинсҳои кӯҳӣ ва биотаҳо тағйироти бебозгашт ба амал меоранд.

Хусусияти чунин таъсирот аз як тараф, технологияи нигоҳдорӣ ва аз тарафи дигар, бо хусусиятҳои иқлимӣ, геологӣ, муҳандисӣ-геологӣ, гидрогеологӣ ва геоэкологии минтақаҳое муайян карда мешавад, ки дар онҳо истихроҷи маъданҳо ва партовҳои саноатӣ ҷойгир шудаанд.

Муаллиф барои тартиб додани ин бахшҳо миқдори зиёди маводҳои фондӣ ва адабиётҳоро омӯхтааст, ки рӯйхати онҳо дар рисола оварда шудааст.

Бобҳои махсус (3, 4, 5) дар асоси таҳлили ҳолати иктишофи майдони маъданӣ, инчунин таъсири техногенӣ ба муҳити геоэкологӣ тартиб дода шудаанд ва ба муаллифи рисола имкон медиҳанд, ки дар ин замина мушкилоти зиёде мавҷуданд, ки бояд ҳали худро ёбанд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқот оид ба муайян кардани хусусиятҳои геоэкологии майдони маъданӣ ва ҳалли масоили таъхирнопазирӣ минтақаи Точикистони Марказӣ бахшида шудааст.

Ҳалли ин мушкилот барои майдони маъдании Чоре вобаста ба фаъолияти корхонаҳои маъданӣ кӯҳӣ ва мавҷуд будани партовгоҳҳо аҳамият дорад. Муаллифи рисола нишон медиҳад, ки барои ҳалли мушкилотҳо вазифаҳои зеринро иҷро кардан зарур аст: ошкор намудани механизми пайдо намудани ҳосилшавии равандҳои техногенӣ дар мавзеҳои ҷойгиршавии партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор; баҳодиҳии фаъолнокии кӯчиши ифлосшавиҳо дар гидросфера ва литосфера, таҳқиқи имкониятҳои воқеии худтозакунии қабатҳои грунтӣ ва обҳо; муайян намудани андозаҳо ва нишондиҳандаҳои мелиоративии санитарию гигиенӣ, ки аз полоишии

боришоти атмосфера самаранок ҷудо кардани партовҳои заҳролуди дафншудаи кӯҳиро таъмин менамояд; таҳияи технологияи пешгирии полоишии оби партов аз партовгоҳ ба ҳавзаи дарёи Зарафшон ва шохобҳои он; пешгӯии тағйироти ҳолати муҳити табиӣ пас аз татбиқи маҷмӯи тадбирҳои муҳити зист, таҳияи тадбирҳои пешгирии ифлосшавии минбаъда ва бехтар намудани вазъи номусоиди геоэкологӣ.

Дар натиҷаи корҳои ҷустуҷӯӣ-арзёбӣ, геологӣ-иктишофӣ, ва инчунин, истихроҷӣ дар ҳудуди минтақаи таҳқиқотӣ тағйирёбии муҳити геологӣ ба назар мерасад: фаъол шудани равандҳои мавҷуда ва ташаккули равандҳои нави муҳандисӣ-геологӣ; нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои заҳролуд ва захрнок, ки бо нобудшавии тасодуфӣ ва оқибатҳои манфии геоэкологӣ ҳамроҳ мешаванд. Ин боиси мунтазам афзудани зарари иқтисодӣ ва муҳити иҷтимоӣ-экологӣ мегардад. Барои коҳиш додани ин зарарҳо таҳияи саривақтии хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи муҳандисиро кор карда баромадан зарур аст, ки онҳо натиҷаҳои тадқиқоти лоиҳакаширо оид ба ҳифзи муҳандисии минтақа аз зуҳуроти хавфноки равандҳои муҳандисӣ-геологӣ ва хавфҳои геологӣ ба назар гиранд.

Бо назардошти он, ки майдони маъдании Чоре объекти пурра наомӯхташуда махсуб меёбад, аз ҷониби муаллиф бори нахуст хусусиятҳои геоэкологии майдони маъданӣ ва таъсири он ба муҳити табиӣ пешниҳод карда мешавад: қонуниятҳои тағирёбии таркиби кимиёвӣ-физикии обҳои сатҳӣ ва зеризаминӣ, қабати грунтӣ дар ҳудудҳои дафни партовҳои саноатӣ кӯҳии партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор ошкор карда шуданд; барои кам кардани талафот аз худуди партов аз сабаби вайроншавии неотектоникї бо истифода аз реагентњои кимиёвӣ муносибати нав пешнињод карда мешавад; методологияи арзёбии ташаккули партовҳои сунъӣ дар минтақаи партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор таҳия карда шуд; методологияи мелиоратсияи заминҳои аз ҷиҳати техногенӣ вайроншудаи минтақаи партовгоҳи Чоре ва ҳудудҳои ҳамҷавор таҳия гардиданд; азнавсозии партовҳои партовгоҳ бо мақсади пешгирии партовҳои истихроҷи маъданӣ ва саноатӣ ва полоиш кардани оби партов аз ҳудуди партовгоҳи Чоре ва ҳудуди ҳамҷавор пешниҳод карда шуд; андозаҳои муносиби технологияҳои ҳифзи муҳити зист муайян карда шуданд.

Дар боби 5 -и рисолаи илмӣ тадбирҳо ва тавсияҳо оид ба коҳиш додани хавфҳои геологӣ дар минтақаи омӯхташуда мавҷуданд, таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва рафъсозии ифлосшавии баъдина ва беҳдошти ҳолати номусоиди геоэкологӣ, усули муосири дафни партовҳои саноатӣ кӯҳӣ, интихоби нақшаи рекултиватсияи ҳудуди партовгоҳ, чорабиниҳои қабулшуда ва банақшагирифташуда оид ба паст кардани хафҳои геологӣ, харитаи

гиреҳҳои хавфҳои геологии характери техногенидоштаи майдони маъданӣ. Умуман, рисола ба таври кофӣ муфассал, мантиқӣ ва пурра навишта шудааст, бинобар ин дар бораи он ҳеҷ гуна эроде вуҷуд надорад.

Дар маҷмӯ, рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи ИГСЗТС АМИТ Сафари Нусратуллоро, ки барои баррасӣ пешниҳод шудааст, рисолаи анҷомёфтаи илмӣ мешуморам, ки бо навоварӣ ва аҳамияти амалӣ дар соҳаи геоэкология хос аст.

Дар ин асос, рисолаи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 – Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия мувофиқат мекунад.

Роҳбари илмӣ, сарходими илмии
ИГСЗТС АМИТ, доктори илмҳои геологя ва
минералогия, профессор

Ш.Ф. Валиев

Имзои Валиев Ш.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калон оид ба кадрҳои
Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ
тобовар ва сейсмологияи АМИТ Юсупова З.